Тасдиқ мекунам»
Мудири кафедраи ҳуқуқ ва
ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
_______________ Каримов А.
«___»___________с.2019

**Донишкадаи идоракунии давлатии назди**
**ПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон**
**Факултети Муносибатҳоибайналмилалӣ**

**Кафедраи** Ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
Сали таҳсили 2019 – 2020 семестри 1 санҷиши тестӣ (дар компютер)
Фанни Асосҳои давлат ва ҳуқуқ
Ному насаби устод Фарзонаи Сайдаҳмад
Курс 1 гурӯҳ Б,В,Г
Ихтисас 1-23-01-01 Муносибатҳои байналмилалӣ

**@1.Сарварии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқро ки ба ухда дорад?**

$A) Раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия;

$B) Президенти кишвар;

$C) Сарвазир;

$D) Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ;

$E) Прокурори генералӣ;

**@2.Низоми мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ чи гуна аст?**

$A) Маҷлиси вакилони халқи вилоят, шаҳр, ноҳия;

$B) мақомотҳои маҳаллии ҳифзи њуќуќ;

$C) Шӯроҳои назди раисони вилоят, шаҳр ва ноҳия;

$D) Ҷамоатҳои шаҳраку деҳа;

$E) Маҷлиси шӯрои куҳансолон;

**@3.Сарвазир ва аъзои дигари Ҳукуматро ки ба вазифа таъин ва озод**

**мекунад?**

$A) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B) Сарвазирро Президенти Ҷумҳурӣ таъин мекунад ва дигар аъзоёни Ҳукуматро Сарвазир;

$C) Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$D) Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$E) Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ дар ҷаласаи якҷояашон;

**@4.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи таъин ва озод намудани Сарвазир кадом мақомот тасдиқ менамояд?**

$A) Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ дар ҷаласаи якҷояашон;

$B) Ҳукумат;

$C) Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

$D) Прокурори генералӣ;

$E) Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**@5.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ки ҳуқуқи таъсис ва барҳам додани вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро дорад?**

$A) Президент;

$B) Ҳукумат;

$C) Сарвазир;

$D) Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ;

$E) Аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ;

**@6.Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ки вакили мақомоти намояндагӣ бошад ва ё ба соҳибкорӣ машғул шавад?**

$A) Наметавонад;

$B) Метавонад, агар хоҳиш дошта бошад;

$C) Метавонад, агар ризоияти халқро дошта бошад;

$D) Метавонад, фақат дар асоси қарори баровардаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ;

$E) Метавонад, агар барои эҳтиёҷоти давлат зарур бошад;

**@7.Дар кадом маврид номзад ба Президент интихобшуда ҳисоб меёбад?**

$A) Дар сурате, ки ба тарафдории ӯ бештар аз нисфи интихобкунандагони ширкатварзида овоз дода бошанд;

$B) Агар кулли интихобкунандагон ба тарафдории ӯ овоз дода бошанд;

$C) Агар қисме аз интихобкунундагони ширкатварзида ба тарафдории ӯ овоз дода бошанд;

$D) Агар 100% интихобкунандагон иштирок намуда бошанд ва зиёда 80% онҳо ба тарафдории ӯ овоз дода бошанд;

$E)Агар ба тарафдории ӯ 50% интихобкунундагон овоз дода бошанд;

**@8.Дар кадом маврид интихоботи Президент боэътимод шуморида мешавад?**

$A) Дар сурате, ки дар он аз нисф зиёди интихобкунандагон ширкат варзида бошанд;

$B) Дар сурате, ки кулли интихобкунандагон ширкат варзида бошанд;

$C) Дар ҳма маврид интихобот боэътимод шуморида мешавад;

$D) агар зиёда аз 20% интихобкунандагон ширкат дошта бошанд;

$E) Агар онро Маҷлиси намояндагон боэътимод шуморад;

**@9.Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом муҳлат интихоб мешавад?**

$A) ба муддати 7 сол;

$B) ба муддати 4 сол вале на бештар аз се муҳлат пай дар пай;

$C) ба муддати 10 сол;

$D) Бемуҳлат интихоб мегардад;

$E) ба муҳлати 14 сол;

**@10.Ки метавонад ба номзадии Президент пешниҳод гардад?**

$A) Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сини ӯ аз 35 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад;

$B) Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сини ӯ аз 35 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 15 соли охир истиқомат дошта бошад;

$C) Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сини ӯ аз 35 кам ва аз 65 зиёд набошад, забони давлатиро донад два дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 5 соли охир истиқомат дошта бошад;

$D) Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сини ӯ аз 35 кам набошад;

$E) Ба ҳар як сокини Тоҷикистон ин ҳуқуқ дода шудааст;

**@11.Раисони ВМКБ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро ки таъин ва озод менамояд?**

$A) Президент таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод менамояд;

$B) Сарвазир;

$C) Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ;

$D) Президент бо пешниҳоди Сарвазир;

$E) Прокурори генералӣ;

**@12.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъин ва озод намудани раисони ВМКБ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро кадом мақомот тасдиқ мекунад?**

$А) Маҷлиси вакилони халқи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо;

$В) Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ;

$С) Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ;

$D) Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаи якҷояашон;

$Е) Суди конститутсионӣ;

**@13.Раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро ки таъин ва озод мекунад?**

**$А)** Президент таъин ва озод мекунад ва фармонро барои тасдиқ ба Маҷлиси намяндагон пешниҳод менамояд;

$В) Сарвазир таъин менамояд ва Президент озод мекунад;

$С)Бо пешниҳоди Президент аз ҷониби Маҷлиси Олӣ таъин ва озод мегарданд;

$D) Сарвазир;

$Е) Президент бо пешниҳоди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ;

**@14.Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯро ки таъин ва озод мекунад?**

**$А)** Президент бо розигии Маҷлиси миллӣ;

$В) Президент бо ризоияти вакилони Маҷлиси намояндагон;

$С) Президент бо розигии Шӯрои адлия;

$D) Президент бо пешниҳоди Сарвазир;

$Е) Президент бо пешниҳоди Раиси Суди Олӣ;

**@15.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон райъпурсиро ки таъин мекунад?**

**$А)** Президент;

$B) Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ;

$C) Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ;

$D) Ҳукумат;

$E) Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар ҷаласаи якҷояашон;

**@16.Интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ки таъин мекунад?**

**$A)** Президент;

$B) Сарвазир;

$C) Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар ҷаласаи якҷояашон;

$D) Раиси Суди конститутсионӣ;

$E)Раиси Маҷлиси миллӣ;

**@17.Қонунҳои ҷумҳурӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби ки имзо мегарданд?**

**$A)** Президент;

$B) Раиси Маҷлиси миллӣ;

$C) Раиси Маҷлиси намояндагон;

$D) Сарвазир;

$E) Раиси Суди конститутсионӣ;

**@18.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи сиёсати хориҷӣ ки роҳбарӣ мекунад?**

**$A)** Президент;

$B) Сарвазир;

$C) Вазири корҳои хориҷӣ;

$D) Вазири иқисод ва савдои хориҷӣ;

$E) Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олӣ;

**@19.Ваколати Президент дар кадом лаҳза қатъ мегардад?**

**$A)** Баъд аз савганд ёд кардани Президенти нав;

$B)Баъди ҷамъбасти интихоботи Президенти нав ва додани шаҳодатнома;

$C) Баъди интишор гардидани натиҷаҳои интихоботи Президент;

$D) Баъди интихоботи Президенти нав;

$E) Баъдияк моҳи интихоботи Президенти нав;

**@20.Як шахс ба мансаби Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон чанд мӯҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад?**

**$A)** Ду мӯҳлат;

$B) Як мӯҳлат;

$C) Се мӯҳлат;

$D) Чор мӯҳлат ва боз бо хоҳиши худ;

$E) На зиёда аз се мухлат;

**@21.Номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро ба Маҷлиси миллӣ барои интихоб ва бозхонд кӣ пешниҳод мекунад?**

**$A)** Президент;

$B) Раиси Суди Олӣ;

$C) Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ;

$D) Раиси Суди конститутсионӣ;

$E) Раиси Шӯрои адлия;

**@22.Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӣ мебошад?**

**$A)** Президент;

$B) Сарвазир;

$C) Раиси дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$D) Раиси Шӯрои адлия;

$E)Раиси Шӯрои вазирониҶумҳурии Тоҷикистон;

**@23.Дар сурате, ки Президент ба қонун пурра ё қисман розӣ набошад, онро дар кадом муҳлат ва ба кӣ бояд баргардонад?**

**$A)** дар муддати 15 рӯз ба Маҷлиси намояндагон;

$B) дар муддати 10 рӯз ба Суди конститутсионӣ;

$C) дар муддати 7 рӯз ба Кумитаи истилоҳоти забон;

$D) дар муддати 20 рӯз ба Маҷлиси миллӣ;

$E) дар муддати 12 рӯз ба Сарвазир;

**@24.Бо кадом мақсад қонунҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд?**

**$A)** Барои имзо ва интишори расмӣ;

$B) барои гирифтани розигӣ ба кабул намудани онҳо;

$C) Ҷонибдорӣ ва таҳлил намудан;

$D) Бо мақсади баррасии муҳокимаи навбатии он;

$E) Додани хулосаи экспертӣ;

**@25.Вазифаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ки ба уҳда дорад?**

**$A)** Президент;

$B) Вазири мудофиа;

$C) Фармондеҳони қушунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ;

$D) Сарвазир;

$E) Вазири Корҳои Дохила;

**@26.Президент кадом вазифаҳои мансабиро доро аст?**

**$A)** Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст;

$B) Раиси Шӯрои Олӣ аст;

$C) Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ аст;

$D) Раиси ҳизби халқӣ-демократӣ ва фраксияи ин ҳизб аст;

$E) Сардори дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст;

**@27.Барои пешниҳоди номзадии шахс ба вазифаи Президент чи қадар имзои интихобкунандагон лозим аст?**

**$A)** ҳадди ақал 5 фоиз;

**$B)** зиёда аз нисфи имзои интихобкунандагон;

$C) 100 фоиз;

$D) имзи 50 фоизи интихобкунандагон басанда аст;

$E) имзои интихобкунандагон лозим нест;

**@28.Пеш аз шурӯъи вазифа Президент дар куҷо савганд ёд мекунад?**

**$A)** Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон;

$B) Дар ҷаласаи Ҳукумат;

$C) Дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон;

$D) Дар ҷаласаи Маҷлиси миллӣ;

$E) Дар съезди ҳизби ғолиб;

**@29.Дастгоҳи иҷроияи Президент аз ҷониби ки таъсис дода мешавад?**

**$A)** Аз ҷониби Президент;

$B) Аз Ҷониби Парламент;

$C) Аз ҷониби Ҳукумат;

$D) Аз ҷониби Раиси дастгоҳи иҷроияи Президент;

$E) Аз ҷониби Сарвазир;

**@30.Ҳангоми вафот, истеъфо ва ғайри қобили амал донистани Президент вазифаи ӯ то ба вазифааш шурӯъ намудани президенти нав ба зимаи ки вогузор мегардад?**

**$A)** Ба зимаи Раиси Маҷлиси миллӣ;

$B) Ба зимаи Сарвазир;

$C) Ба зимаи Раиси Маҷлиси намояндагон;

$D) Ба зимаи Раиси Дастгоҳи иҷроияи Президент;

$E) Ба зимаи яке аз аъзоёни ҳукумат;

**@31.Президент дар хусуси эълони ҳолати фавқулодда ба кӣ хабар медиҳад?**

**$A)** Ба Созмони Милали Муттаҳид;

$B) Ба Бонки байналмилалии Рушд;

$C) Ба Ҳукумати Федератсияи Русия;

$D) Ба Конгресси Ийолоти Муттаҳидаи Амрико;

$E) Ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**@32.Номзад ба Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон бояд кадом забонро донад?**

**$A)** Забони давлатӣ;

$B) Забони русӣ, англисӣ, тоҷикӣ;

$C) Забони англисӣ, русӣ, узбекӣ ва тоҷикӣ;

$D) Забони модарӣ, забони русӣ, тоҷикӣ;

$E) Забони халқҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**@33.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъияти фавқулодда бо кадом мақсад эълон карда мешавад?**

**$A)** Тадбири муваққатӣ барои амнияти шаҳрвандон ва давлат;

$B) Ҳамчун воситаи таъмини амният;

$C) Ҳамчун чораи зарурии таъҷилӣ барои мансабдорони давлатӣ;

$D) Ҳамчун тадбири бехатарии ҷомеаи ҷаҳонӣ;

$E) Ҳамчун тадбири ҳифзи истиқлолият ва моликияти давлатӣ;

**@34.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом мақомоти давлатӣ ҳуқуқи ташкил ва барҳам додани воҳидҳои марзию маъмуриро дорад?**

**$A)** Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

$B) Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

$C) Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ва дастгоҳи иҷроияи он;

$D) Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва вазоратҳои он;

$E) Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон ва Суди конститутсионии Ҷумхурии Тоҷикистон;

**@35.Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсиро кадом мақомот таъсис медиҳад?**

**$A)** Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

$B) Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

$C) Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон;

$D) Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

$E) Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

**@36.Ба ҷаласаҳои Маҷлиси намояндагон ки сарварӣ мекунанд?**

**$A)** Раиси Маҷлиси намояндагон ва муовинони ӯ;

$B) Шӯрои Маҷлиси намояндагон;

$C) Раис ва муовинону мушовирон;

$D) Раиси дастгоҳи Маҷлиси намояндагон;

$E) Раисони Кумитаҳо ва комиссияҳо;

**@37.Иҷлосияи Маҷлиси миллӣ дар як сол чанд маротиба ва аз**

**тарафи кӣ даъват карда мешаванд?**

**$A)** Чор маротиба  аз тарафи раиси Маҷлиси  миллӣ;

$B) Панҷ маротиба, аз тарафи муовини Раис;

$C) Се маротиба, аз тарафи Раис;

$D) Ду маротиба, аз тарафи Президент;

$E) Аз тарафи  Президент се маротиба;

**@38.Иҷлосияҳои ғайринавбатии Маҷлиси Олӣ аз  тарафи кӣ даъват карда мешаванд?**

**$A)** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B) Раиси Маҷлиси намояндагон;

$C) Раиси Дастгоҳи Маҷлиси Олӣ;

$D) Раиси Шӯрои вазирон;

$E) Раиси Маҷлиси миллӣ;

**@39.Қонунҳо барои чӣ ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод  мегарданд?**

**$A)** Ҷонибдорӣ кардан;

$B) Қабул кардан ва ба амал баровардан;

$C) Баррасӣ кардан ва  ба  карор омадан;

$D) Имзо гузоштан ва ба  амал даровардан;

$E) Тасдиқ кардан ва тавсия намудан;

**@40.Қонунҳое, ки Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ кардааст ба кӣ пешниҳод карда мешаванд?**

**$A)** Президент;

$B) Маҷлиси намояндагон;

$C) Шӯрои Маҷлиси миллӣ;

$D) Раиси Маҷлиси миллӣ;

$E) Раиси Маҷлиси намояндагон;

**@41.Қонунҳое, ки Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ накардааст ба кӣ баргардонда мешаванд?**

**$A)** Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B) Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон;

$C) Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$D) Кумитаҳои Маҷлиси миллӣ ва  комиссияҳои доимии палатаҳо;

$E) Вакилони маҷлиси Олӣ ва Шӯрои палатаҳо;

**@42.Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна мақомот аст?**

**$A)** Мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор;

$B) Мақоми олии иҷроия;

$C) Мақоми олии назоратӣ;

$D)Мақоми олии назорати молиявӣ;

$E)Мақоми олии низомӣ;

**@43.Барои вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ интихоб гардидан кадом шартҳо лозиманд?**

**$A)**  шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, сину солаш аз 25 кам набошад, дорои таҳсилоти олӣ бошад;

$B) шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, сину солаш аз 35 кам набошад;

$C) шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;

$D) ҳеҷ гуна шарт пешбинӣ нагардидааст;

$E) шахсе, ки пеш вакили маҷлиси маҳаллии намояндагӣ интихоб шуда бошад;

**@44.Чи миқдор узви Маҷлиси миллӣ аз ҷониби Президент таъин мешаванд?**

**$A)** Аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ;

$B) Панҷоҳ фоизи аъзои Маҷлиси миллӣ;

$C) Кулли аъзоёни Маҷлиси миллӣ;

$D) Даҳ нафари шумораи умумии аъзоёни Маҷлиси миллӣ;

$E) Чунин ваколатро Президент надорад;

**@45.Ки ба сифати узви Маҷлиси миллӣ интихоб ва таъин шуда метавонад?**

**$A)** Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сини ӯ аз 35 кам набошад ва дорои таҳсилоти олӣ бошад;

$B) Шахсе, ки пеш ба сифати вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шуда бошад;

$C) Шахсе, ки пеш ба сифати вакили Маҷлиси намояндагон интихоб нашуда бошад;

$D) Шаҳрванди Тоҷикистон ки синаш аз 25 боло бошад, забони давлатӣ ва як забони хориҷиро донад;

$E) Шахсе  ки пеш вакили Маҷлиси намояндагон интихоб нашуда бошад;

**@46.Киҳо наметавонанд узви Маҷлиси миллӣ бошанд?**

**$A)** Аъзои Ҳукумат, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва шахсони дигаре, ки қонуни конститутсионӣ муайян кардааст;

$B)Хизматчиёни ҳарбӣ, табибон ва кормандони мақомоти  ҳифзи ҳуқуқ;

$C) шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$D) аъзоёни Ҳукумат, кормандони мақомоти андозу гумрук ва вакилони маҷлиси намояндагон;

$E)абибон ва омузгорон;

**@47.Раиси Маҷлиси миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагонро ки ва чи гуна интихоб менамоянд?**

**$A)** Аз ҷониби аъзо ва вакилони ин маҷлисҳо тариқи овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзо ва вакилони маҷлисҳо;

$B) Аз ҷониби аъзо ва вакилони ин маҷлисҳо тариқи овоздиҳии кушода бо тарафдории нисфи шумораи умумии аъзо ва вакилони маҷлисҳо;

$C) Аъ ҷониби вакилонии Маҷлиси намояндагон;

$D) Аз ҷониби аъзоёни Маҷлиси миллӣ тариқи овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзоён;

$E) Аз ҷониби Ҳукумат;

**@48.Палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кадомҳоянд?**

**$A)** Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон;

$B) Маҷлиси намояндагон ва Шӯрои Олӣ;

$C) Палатаи лордҳо ва намояндагон;

$D) Маҷлиси миллӣ ва маҷлиси вакилони халқи маҳал;

$E) Маҷлиси  вакилони халқи маҳал ва маҷлиси намояндагон;

**@49.Мӯҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон чанд сол аст?**

**$A)** 5 сол;

$B) 10 сол;

$C) 7 сол;

$D) 3 сол;

$E)9 сол;

**@50.Ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон кай қатъ**

**мегардад?**

**$A).**Дар рӯзи оғози фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони даъвати нав;

$B)Дар рӯзи интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони нав;

$C) Дар рӯзи интихоботи аъзоёни Маҷлиси миллии на;

$D) Дар рӯзи интихоботи Президенти нав;

$E) Аз оғози соли нав баъди интихоботи нав;

**@51.Чи миқдор аъзоёни Маҷлиси миллиро Президент таъин мекунад?**

**$A)** Аз чор як ҳисса;

$B) Аз се як ҳисса;

$C) Пурра аз ҷониби Президент таъин мегардад;

$D) Президент чунин ваколат надорад;

$E) Қисми номуайянашро метавонад таъин намояд;

**@52.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ки ҳуқуқи якумра аъзои Маҷлиси миллӣ будан дода шудааст?**

**$A)** Ба ҳар Президенти собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B) Ба ҳама вакилони собиқи Маҷлиси намояндагон;

$C) Ба ҳар раиси собиқи Маҷлиси миллӣ;

$D) Ба ҳар раиси Маҷлиси намояндагон;

$E) Ба ҳар Сарвазири собиқ;

**@53.Шаҳрванд метавонад дар як вақт узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бошад?**

**$A)** Наметавонад;

$B) метавонад;

$C) Метавонад агар хоҳиш дошта бошад;

$D) Метавонад агар ба ин Президент зид набошад;

$E) Метавонад агар раиси Маҷлиси миллӣ розӣ бошад;

**@54.Вакили Маҷлиси намояндагон метавонад дар як вақт вакили мақомоти намояндагии дигар бошад?**

**$A)** Наметавонад;

$B) Метавонад;

$C) Метавонад агар хоҳиш дошта бошад;

$D) Танҳо бо розигии кулли узви Маҷлиси миллӣ;

$E) танҳо бо розигии Президент;

**@55.Масъалаи маҳрум намудани дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон чи гуна ҳал карда мешавад?**

**$A)** Бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби маҷлиси дахлдор;

$B) Бо пешниҳоди Президент;

$C) Бо пешниҳоди Президент аз ҷониби Пракурори генералӣ;

$D) Бо ваколати бевоситаи Прокурори генералӣ;

$E) Бло қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон;

**@56.Дар кадом маврид ваколати узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон қатъ мегардад?**

**$A)** Ҳангоми вафот, истеъфо, ғайри қобили амал эътироф шудани онҳо аз ҷониби суд, ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд, қатъи шаҳрвандӣ, тарки доимии ҷумҳурӣ, ишғоли вазифае, ки ба ваколати узви Маҷлиси миллӣ мувофиқ нест, парокандашавии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон;

$B) Пароканда намудани он аз ҷониби Президент;

$C) Вафот ва қатъ гардидани шаҳрвандӣ;

$D) Маҳрум намудан аз шаҳрвандӣ, тарки Ватан намудан;

$E) Ваколати ин субъектон доимист ва катъ намегардад;

**@57.Иҷлосияи Маҷлиси миллӣ соле чанд маротиба сурат мегирад?**

**$A)** На кам аз чор бор бо даъвати Раиси Маҷлиси миллӣ;

$B) На кам аз ду бор бо даъвати Раиси Ҷумҳур;

$C) Накам аз ду бор бо даъвати сарварони ҳизбҳои сиёсӣ;

$D) Се маротиба бо даъвати Президент;

$E) Чор маротиба бо даъвати нозирони байналхалқӣ;

**@58.Фаъолияти Маҷлиси миллӣ дар кадом шакл сурат мегирад?**

**$A)** Дар шакли иҷлосия;

$B) Дар шакли гирдиҳамоӣ;

$C) Дар шакли Съезд;

$D) Дар шакли митинг;

$E) Дар шакли вохурӣ;

**@59.Фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар кадом шакл сурат мегирад?**

**$A)** Дар шакли иҷлосия;

$B) Дар шакли гирдиҳамоӣ;

$C) Дар шакли Съезд;

$D)Дар шакли митинг;

$E)Дар шакли маҷлис;

**@60.Иҷлосияи навбатии Маҷлиси намояндагон соле чанд маротиба ва кадом вақт сурат мегирад?**

**$A)** Соле як маротиба аз рӯзи аввали кории моҳи октиябр то рӯзи охирини кории моҳи июн гузаронида мешавад;

$B) Дар давоми сол бетанафус идома меёбад;

$C) Соле ду маротиба тобистон ва зимистон баргузор мегардад;

$D)Чор маротиба дар ҳар се моҳа;

$E) Дар як сол як бор бетанафус, ба ғайр аз рӯзҳои ид гузаронида мешавад;

**@61.Иҷлосияи ғайринавбатии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро ки ва кадом вақт даъват менамояд?**

**$A)** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни иҷлосияҳои маҷлисҳои дахлдор ҳангоми зарурат;

$B) Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми иҷлосияҳои маҷлисҳои дахлдор ҳангоми зарурат;

$C) Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳангоми зарурат;

$D) Пракурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни иҷлосияҳои маҷлисҳои дахлдор ҳангоми зарурат;

$E)Раиси дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар лаҳзаи мувофиқ;

**@62.Истеъфои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти кадом мақомот дохил мегардад?**

**$A)** Ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани иҷлосияи якҷоя;

$B) Ба салоҳияти Маҷлиси намояндагон;

$C) Ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ;

$D) Ба салоҳияти Ҳукумат;

$E) Ба салоҳияти Суди конститутсионӣ;

**@63.Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кадом мақомот бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои ҳарбӣ сарфароз гардонида мешавад?**

**$A)** Аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми

гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя;

$B) Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$C) Аз ҷониби Вазорати мудофиа;

$D) Аз ҷониби Суди Суди конститутсионӣ;

$E) Аз ҷониби Прокурори генералӣ;

**@64.Кадом мақомоти олии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти баррасӣ намудани масъалаи дахлнопазирии Президентро дорад?**

**$A)** Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаи якҷояашон;

$B) Ҳукумат ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳояш;

$C) Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$D) Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$E) Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**@65.Раиси Маҷлиси миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагонро ки ва чи гуна интихоб менамояд?**

**$A)** Бо овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзо ва вакилони маҷлисҳо интихоб мешаванд;

$B) Бо овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории куллӣ шумораи умумии аъзо ва вакилони маҷлисҳо интихоб мешаванд;

$C) Бо овоздиҳии кушода бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзо ва вакилони маҷлисҳо ва розигии Раиси Суди Конститутсионӣ интихоб мешаванд;

$D) Аз ҷониби Шӯрои адлия бо тарафдории кулли аъзоёни он;

$E) Аз ҷониби вакилони маҳаллии мақомотҳои намояндагӣ;

**@66.Прокурорҳо тибқи нишондодҳои меъёри Конситутсияи ҶТ**

**дар кадом асос фаъолият мекунанд?**

**$A)** Дар асоси Конситутсия ва қонун;

$B) Дар асоси қонун ва санадҳои зерқонунӣ;

$C) Дар асоси Конситутсияи ҶТ;

$D) Дар асоси қонун;

$E) Дар асоси Конситутсия, қонун ва санадҳои зерқонунӣ;

**@67.Судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кадоме аз ин мақомот таъсис дода мешаванд?**

**$A)** Маҷлиси намояндагон;

$B) Маҷлиси Миллӣ;

$C) Президенти ҶТ;

$D) Вазорати адлия;

$E) Шӯрои адлия;

**@68.Муқарароти «Судяхо ва кормандони мақомоти хифзи хуқуқ наметавонанд узви Маҷлиси Миллӣ бошанд», дар кадом меъёри Конситутсияи ҶТ пешбинӣ шудааст?**

**$A)** Дар моддаи 50;

$B) Дар моддаи 91;

$C) Дар моддаи 58;

$D) Дар моддаи 48;

$E) Дар моддаи 85;

**@69.Мӯҳлати вазъияти фавқулодда чанд моҳ аст ва онро кӣ эълон мекунад?**

**$A)** То се моҳ ва онро Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон эълон мекунад;

$B) То ду моҳ аст ва онро Сарвазири Ҷумхурии Тоҷикистон таъин

мекунад;

$C) Як моҳ ва онро  Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон таъин  мекунад;

$D) То чор моҳ ва онро Парлумони Ҷумхурии Тоҷикистон таъин мекунад;

$E) То шаш моҳ ва онро  ҳизби  халқии  демократии Тоҷикистон таъин мекунад;

**@70.Фармони Президент дар бораи вазъияти фавқулодда дар кадом мӯҳлат ва бо тасдиқи кӣ пешниҳод  мегардад?**

**$A)** Фавран ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон;

$B) Таъҷилан ба ҷаласаи Суди конститутсионӣ;

$C) Бо зуддӣ ба ҷаласаи якҷояи Ҳукумат ва Дастгоҳ;

$D) То даҳ рӯз ба ҷаласаи якҷояи Ҳукумат ва Маҷлиси миллӣ;

$E) То шаш рӯз ба ҷаласаи якҷояи Суди конститутсионӣ ва Маҷлиси намояндагон;

**@71.Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ тавр амал мекунанд?**

**$A)** Меъёрҳои Конститутсия  мустақиман амал  мекунанд;

$B) Ба воситаи  қарорҳои Маҷлиси  Олӣ ва палатаҳои он;

$C) Ба воситаи  қарорҳои Суди конститутсионӣ ва судҳои  умумӣ;

$D) Ба воситаи  қонунҳо,  кодексҳо ва  қарорҳо;

$E) Ба воситаи санадҳои меъёрӣ;

**@72.Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии  Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофкарда бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна эътибор доранд?**

**$A)** Санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бартарӣ доранд ва ҳамеша бояд

риоя гарданд;

$B) Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон боло меистанд ва ҳатмӣ мебошанд;

$C) Таносуби онҳоро Президент муайян мекунад ва фармон медиҳад;

$D) Ингуна санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

$E) Қувваи ҳуқуқии онҳо баробар мебошанд ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарӣ дорад;

**@73.Конститутсияи аввалини Тоҷикистон кадом буд ва кай қабул гардидааст?**

**$A)** Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929;

$B) Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1930;

$C) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1979;

$D) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1981;

$E) Конститутсияи Тоҷикистон соли 1931;

**@74.Сабабҳои қабули Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1937 кадомҳоянд?**

**$A)** Қабули конститутсияи ИҶШС соли 1936 ва ғалабаи сотсиализм;

$B) Кӯҳна шудани талаботи Конститутсияи соли 1931;

$C) Пешравии сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон;

$D) Ғалабаи сохти колхозӣ ва ҳокимияти шӯравӣ;

$E) Барпоёбии асосҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

**@75.Сабабҳои қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 кадоманд?**

**$A)** Барҳамхурии ИҶШС ва соҳибихтиёр эълон гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B) Ташкилёбии ИДМ;

$C) Соҳибихтиёр гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои СММ гардидани он;

$D) Анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ ва имзои созишномаи сулҳ;

$E) Аъзои СММ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**@76.Ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 бо кадом тартиб тағйироту иловаҳо ворид намудан мумкин аст?**

**$A)** Бо роҳи гузаронидани раъйпурсӣ;

$B) Бо роҳи гузаронидани интихобот;

$C) Бо роҳи баррасии парлумонӣ;

$D) Бо роҳи фармоиши Президент;

$E) Бо роҳи татбиқи қарори Ҳукумат;

**@77.Ба Конститутсияи соли 1994 кадом солҳо ва бо кадом роҳ тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст?**

**$A)** 1999 ва 2003 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ;

$B) 1997 ва 2003 бо роҳи интихобот ва раъйпурсӣ;

$C) 1998 ва 2001 бо роҳи муроҷиат ба халқ;

$D) 1995 ва 2004 бо роҳи раъйпурсӣ;

$E) 2001 ва 2007 бо қарори Маҷлиси Олӣ;

**@78.Кадом санади ҳуқуқӣ асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқарар кардааст?**

**$A)** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B) Консепсияи сохтмони давлатӣ ва ҷамъиятӣ;

$C) Дар изҳороти Шӯрои Олӣ дар бораи истиқлолияти давлатӣ ва тадбиқи он;

$D) Дар эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

қонунҳои конститутсионӣ;

$E) Дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**@79.Демократӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чӣ ифода меёбад?**

**$A)** Дар эълони моҳияти демократии давлат, интихоби будани мақомоти намояндагӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

$B) Дар эътирофи соҳибихтиёрии давлат, халқ, миллат;

$C) Дар эътирофи соҳибихтиёрии халқ ва шакли намояндагӣ;

$D) Дар интихоби Президент, Ҳукумат ва роҳбарии ҳизби халқӣ-демократӣ;

$E) Дар муқаррар гаштани усули тақсимоти ҳокимият, муайян кардани асоси иқтисодӣ, сиёсӣ ва тадбиқи ҳокимияти иҷроия;

**@80.Давлати дунявӣ эълон гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чӣ ифода меёбад ?**

**$A)** Дар мудохила накардани дин ва давлат ба корҳои дохилии якдигар;

$B) Дар ҷудо кардани давлат аз дин ва роҳбарии иттиҳодияҳои динӣ;

$C) Дар сиёсати атеистиро пеш гирифтани давлат ва озодии виҷдон;

$D) Дар динро аз сиёсат дур сохтан ва тобеъ кардани дин;

$E) Идораҳои давлатӣ ва сохторҳои диниро якҷоя накардан;

**@81.Иҷтимоӣ эълон шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ мазмун дорад?**

**$A)** Фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон;

$B) Ба ҳар кас таъмин кардани шароити хуби зиндагӣ ва маоши кифоя, шароит барои табобат ва саёҳат;

$C) Амалӣ намудани сиёсати  иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳо;

$D) Аз самти иқтисодӣ кафолат додан барои фаъолияти озодонаи истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ;

$E) Ривоҷ додани фаъолияти соҳибкорӣ ва ғун кардани боигарии моддӣ, иҷрои нақшаҳои  иҷтимоӣ-иқтисодӣ;

**@82.Шакли идораи  Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна  мебошад?**

**$A)** Ҷумҳурии президентӣ;

$B) Ҷумҳурии парлумонӣ ва президентӣ;

$C) Ҷумҳурии  нимпарлумонӣ ва президентӣ;

$D) Ҷумҳурии Шӯравии соҳибихтиёр ва  соҳибистиқлол;

$E) Давлати  нимпрезидентӣ ва нимпарлумонӣ;

**@83.Аз ҷиҳати сохти давлатӣ Тоҷикистон чи гуна давлат аст?**

**$A)** Давлати ягона (унитарӣ);

$B) Иттифоқӣ (федеративӣ) ва ягона;

$C) Иттифоқии мураккаб (конфедеративӣ) ва иттифоқии оддӣ;

$D) Мухторӣ  (автономӣ) ва иттифоқӣ;

$E) Буферӣ ва ҳамсарҳадӣ бо давлатҳои хориҷӣ;

**@84.Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом аст ва аз кадом сол расман эътироф  гаштааст ?**

**$A)** Тоҷикӣ аз соли 1989;

$B) Форси тоҷикӣ аз соли 1986 то ин дам;

$C) Дарии тоҷикӣ аз соли 1929 то ҳоло;

$D) Русии интернатсионалӣ  аз соли 1924;

$E) Тоҷикӣ аз соли 1924 то ин дам;

**@85.Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кадоманд ?**

**$A)** Парчам, нишон, суруди миллӣ;

$B) Забон, пойтахт, пули миллии тоҷикӣ, Президент;

$C) Парчам, суруди миллӣ, буҷаи давлатӣ, Ҳукумат;

$D) Забони тоҷикӣ, русӣ,  узбекӣ ва пойтахти Тоҷикистон;

$E) Суруди миллӣ, нишон, пойтахт, дастгоҳи давлатӣ;

**@86.Ки ҳуқуқи сухан гуфтанро аз номи халқи Тоҷикистон дорад?**

**$A)** Президент ва Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

$B) Вакилон ва раисони палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон ва вазирон;

$C) Шаҳрвандон ва хизматчиёни давлатӣ, Президент;

$D) Ҳизбҳои  сиёсӣ ва раисони  онҳо дар анҷумани солонаи онҳо;

$E) Ҳукумати Тоҷикистон ва Сарвазир дар фаъолияти хориҷӣ ва дохилии худ;

**@87.Оё мафкураи ягон сохтори ҷамъиятӣ - сиёсӣ метавонад ба ҳайси  мафкураи  давлатӣ эътироф  шавад?**

**$A)** Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад;

$B) Мафкураи хизматчиёни давлатӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ;

$C) Мафкураи вакилони халқи мақомоти намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$D) Мафкураи сиёсии ҳизби ҳукумрон;

$E) Мафкураи соҳибкорон ва моликиятдорон дар Тоҷикистон;

**@88.Раъйпурсӣ аз  интихобот чӣ фарқ дорад?**

**$A)** Дар раъйпурсӣ  ба ҳалли масъала  овоз дода мешавад;

$B) Дар интихобот шаҳрванд интихоб мешавад ва масъалаи муҳими сиёсӣ ҳал мегардад;

$C) Бо навъи  иштироккунандагон ва тарзи овоздиҳӣ;

$D) Дар раъйпурсӣ ба савол  ҷавоб дода мешавад;

$E) Бо натиҷаи овоздиҳӣ ва ҷамъбасти он;

**@89.Асоси  иқтисодиёти Тоҷикистонро чӣ ташкил мекунад ?**

**$A)** Шаклҳои гуногуни  моликият;

$B) Фаъолияти озоди иқтисодӣ ва сармоягузорӣ;

$C) Фаъолияти мустақилонаи  соҳибкорӣ;

$D) Хоҷагидории  деҳқонӣ ва моликиятдории хусусӣ;

$E) Сармояи калон ва хурд ва сармоягузории хусусӣ;

**@90.Шаклҳои моликият дар Тоҷикистон кадомҳоянд?**

**$A)** Моликияти давлатӣ, коллективӣ  ва хусусӣ;

$B) Моликияти соҳибкорӣ ва давлатӣ;

$C) Моликияти деҳқонӣ, хоҷагӣ ва хонаводагӣ;

$D) Моликияти фермерӣ, саноатӣ ва якҷоя;

$E) Моликияти  шахс, оила, ҳиссагӣ ва умумӣ;

**@91.Дар Тоҷикистон кадом шакли моликият бартарӣ дорад?**

**$A)** Ҳама шаклҳои моликият баробар ҳифз мегарданд;

$B) Моликияти хусусӣ;

$C) Моликияти давлатӣ;

$D) Моликияти ҷамъиятӣ;

$E) Моликияти коллективӣ;

**@92.Маҷлисҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар кадом мӯҳлат ва бо иштироки чанд ҳиссаи аъзои он гузаронида  мешавад ?**

**$A)** Дар як моҳ камаш як маротиба, бо иштироки аз се ду ҳиссаи аъзои Ҳукумат;

$B) Дар ду моҳ як маротиба  бо иштироки  нисфи аъзои  Ҳукумат;

$C) Дар се моҳ як маротиба, бо иштироки аз се ду ҳиссаи аъзои Ҳукумат;

$D) Дар ду ҳафта як маротиба, бо иштироки аз нисф зиёди аъзои Ҳукумат;

$E) Дар як ҳафта як маротиба, бо иштироки аъзоёни ҳузурдошта;

**@93.Дахлнопазирии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд чиро ифода мекунад?**

**$A)** Ҳеҷ касро бе асос қонунӣ дастгир ва ҳабс кардан мумкин нест;

$B) Ба ҳеҷ кас таъкибу шиканчаро раво дидан мумкин нест;

$C) Ҳеҷ касро аз як вазифа ба дигар гузаронидан мумкин нест;

$D) Ҳеҷ касро бе гуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест;

$E) Ҳеҷ касро ҷазои ҷиноӣ додан мумкин нест;

**@94.Ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд дар кадом маврид роҳ дода мешавад?**

**$A)** Бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B)Дар ҳолати буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ;

$C) Дар ҳолати буҳрони иқтисодӣ;

$D) Бо мақсади ҳимояи ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, қонуният ва инсон;

$E) Дар ҳолати офатҳои табиии, қаҳтӣ, бекорӣ, обхезӣ, барфу борон бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои синфи коргару деҳқон;

**@95.Асосҳои қатъ гаштани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон кадомҳоянд?**

**$A)** Тарки доимии ҷумҳурӣ, ариза, вафот, бекор гаштани ҳуҷҷатҳои қабул ба шаҳрвандӣ, оптатсия ва ғайра;

$B) Сафар ба хориҷа ва хизмат дар идораҳои байналмиллалӣ;

$C) Касалии дуру дароз ва гум кардани қобилияти корӣ;

$D) Аризаи худи шаҳрванд, қарори Ҳукумат, қарори вазорати корҳои дохилӣ ва ғайра;

$E) Бе ному нишон донистани шахс, ҳабси дуру дароз гаштан, танқид кардани давлат ва ғайра;

**@96.Мафҳуми падидаи шаҳрвандиро фаҳмонда диҳед?**

**$A)** Робитаи устувори ҳуқуқӣ-сиёсии шахс бо давлат;

$B) Таалуқ доштани шахс ба ҳукумати Тоҷикистон;

$C) Эътирофи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ва иҷрои вазифаҳо;

$D) Эътирофи манфиати тарафҳо ва риояи қонунҳо бо назардошти эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон;

$E) Иҷрои бечунучарои талаботи Конститутсия ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**@97.Бо кадом мақсад ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ тасниф меёбанд?**

**$A)** Бо мақсади равшан сохтани мазмун ва ҷойи онҳо дар низоми ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд;

$B) Бо мақсади шарҳи мазмуну таҳлили онҳо;

$C) Бо мақсади ёфтани роҳҳои татбиқи онҳо;

$D) Бо мақсади омӯзиши чуқури онҳо;

$E) Бо мақсади муайян кардани таъинот ва нақши онҳо дар ҳаёти инсон ва шаҳрванд;

**@98.Ҳуқуқу озодиҳои фардии инсон чи гуна хислат доранд?**

**$A)** Онҳо дахлнопазиранд, табииианд, инкорнашаванда мебошанд;

$B) Онҳо бо ихтиёри давлат вобастаанд;

$C) Онҳо муқарраршуда  мебошанд;

$D) Онҳо ҷудонопазиранд ва давлат ба онҳо  кафолат  додааст;

$E) Онҳоро Ҳукумат кафолат медиҳад ва назорат мекунад;

**@99.Бо кадом мақсад ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрванд  муқаррар карда шудаанд?**

**$A)** Бо мақсади  таъмини  иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи  давлат;

$B) Бо мақсади иштирок дар  раъйпурсӣ;

$C) Бо мақсади  иштирок дар интихобот;

$D) Бо мақсади  ноил гаштан ба ҳадафҳои ҳизбӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ;

$E) Бо мақсади  интихоби  вакилони парлумон;

**@100.Ҳуқуқи шаҳрванд ба муттаҳидшавӣ ба кадом  гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо тааллуқ дорад?**

**$A)** Ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ;

$B) Ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ;

$C) Ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ;

$D) Ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ;

$E) Ба гурӯҳи ҳуқуқу  озодиҳои фардӣ;

**@101.Дар кадом боби Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон соли 1994 ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва  фарҳангӣ мустаҳкам гардидаанд?**

**$A)** Боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B) Боби шашуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$C) Боби даҳуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$D) Боби сеюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$E) Боби якуми  Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**@102.Ҳуқуқ ба моликият ба кадом гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои инсон**

**таалуқ дорад?**

**$A)** Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд;

$B) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии инсон ва шаҳрванд;

$C) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва экологии инсон ва шаҳрванд;

$D) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд;

$E) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои хоҷагии инсон ва шаҳрванд;

**@103.Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ба кадом гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таалуқ дорад?**

**$A)** Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд;

$B) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои фардии инсон ва шаҳрванд;

$C) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд;

$D) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои сиёсӣ ва тандурустии шаҳрвандон;

$E) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои мадании инсон ва шаҳрванд;

**@104.Ҳуқуқи шахс ба таҳсил ба кадом гурӯҳи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд таалуқ дорад?**

**$A)** Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд;

$B) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд;

$C) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва илмии инсон ва шаҳрванд;

$D) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои хоҷагии инсон ва шаҳрванд;

$E) Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрванд;

**@105.Шаклҳои кафолати ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро номбар намоед?**

**$A)** Иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ;

$B) Фарҳангӣ, сиёсӣ, ғоявӣ ва маънавӣ;

$C) Мафкурвӣ, тарғиботӣ, мафкуравӣ ва ғоявӣ;

$D) Моддию иҷтимоӣ;

$E) Иҷтимоӣ, моддӣ, молӣ, пулӣ, ғоявӣ;

**@106.Меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна хусусиятҳо доранд?**

**$A)** Онҳо бештар вақт амри ҷазо надоранд, дар конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ пешбинӣ шудаанд;

$B) Онҳо бештар хислати ӯҳдадоркунӣ ва танзимнамоӣ доранд;

$C) Онҳо меъёрҳои корпоративӣ ва ӯҳдадоркунандаро дарбар мегиранд;

$D) Онҳо муносибатҳои оилавиро танзим менамоянд;

$E) Онҳо таркиби ба худ хос надоранд ва доим дар тағйирёбӣ мебошанд;

**@107.Муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ гуфта, кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешаванд?**

**$A)** Муносибатҳои ҷамъиятие, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ, асосҳои ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, низоми интихобот ва ғайраро мустаҳкам намоянд;

$B) Муносибатҳое, ки низоми мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра мебошанд;

$C) Муносибатҳое, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ, робитаҳои хешу ақрабоӣ ва додугирифт ва ғайра мебошанд;

$D) Муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳокимияти иҷроия, идораи давлат, идораи ҷамеа ва ғайраро дарбар мегиранд;

$E) Муносибатҳои ҷамъиятие, ки сохтори идораи давлат, суд, прокуратура, адвокатура ва ғайраро дарбар мегиранд;

**@108.Қонунҳои конститутсионӣ аз дигар қонунҳо бо кадом хусусияти худ фарқ доранд?**

**$A)** Бевосита дар конститутсия муайян шуда, бо тартиби махсус қабул мешаванд, Аҳамияти калони ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ- сиёсӣ доранд;

$B) Қувваи олии ҳуқуқӣ доранд ва бевосита амал мекунанд;

$C) Вобаста ба мазмун ва таъиноташон;

$D) Тарзи қабул ва ба амал дароии онҳо фарқ дорад ва дар худи онҳо муайян карда шудааст;

$E) Бо конститутсия наздикӣ ва мазмуни хос доранд;

**@109.Конститутсия ҳамчун қонуни асосии ягонаи давлат дар кадом давра пайдо шудааст?**

**$A)** Дар давраи ба сари қудрат омадани синфи нави буржуазия;

$B) Дар давраи ҷомеаи либералӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;

$C) Дар давраи истиқлолиятӣ давлатӣ;

$D) Дар давраи пойдории моликияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ;

$E) Дар давраи гузариш аз капитализм ба сосиализм;

**@110.Усули волоияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чӣ зоҳир меёбад?**

**$A)** Дар эътибори олии ҳуқуқӣ ва мустақиман амал кардани меъёрҳои он;

$B) Дар аҳамияти махсуси сиёсӣ ва ҳуқуқии меъёрҳои он;

$C) Дар таъсири калони он ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи сохтмони давлатӣ;

$D) Дар идоманокии меъёрҳо ва ҳолатҳои он ба мақомоти давлатӣ;

$E) Дар қонуни олӣ ва таъсири калон доштани меъёрҳои он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ;

**@111.Аввалин Конститутсияи Тоҷикистон кай ва аз тарафи кадом мақомоти давлатӣ қабул карда шудааст?**

**$A)** Соли 1929, аз тарафи Анҷумани вакилони Шӯроҳои коргарон, деҳқонон ва аскарон;

$B) Соли 1937, аз тарафи Шӯрои вакилони халқ ва Анҷумани Шӯроҳо;

$C) Соли 1931, аз тарафи Кумитаи Иҷроияи Марказии Тоҷикистон ва Раёсати он;

$D) Соли 1927, аз тарафи Анҷумани вакилони меҳнаткашон;

$E) Соли 1935, аз тарафи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва Раёсати он;

**@112.Кадом мавзӯъҳоро Конститутсия бештар муқаррар ва танзим менамояд?**

**$A)** Моҳият ва шакли давлат, сохтори марзӣ-давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкилу фаъолияти мақомоти давлатӣ;

$B) Соҳибихтиёрии халқ, интихобот, шаҳрвандӣ;

$C) Сохтори давлатӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд;

$D) Таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ, идораи давлатӣ, иштироки шаҳрвандон дар корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ;

$E) Сохтори ҷомеа, корхона, муассиса, ташкилот, ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд;

**@113.Хусусияти асосии Конститутсия дар чӣ ифода меёбад?**

**$A)** Дар қувваи олии ҳуқуқии он ва бевосита амал кардани он;

$B) Дар санади ҳаҷман калон ва таъсирнок будан;

$C) Дар таъсири он ба хизматчиёни давлатӣ ба ахлоқи шаҳрвандон ва низоми ҳуқуқӣ;

$D) Дар ҳуҷҷати калони сиёсӣ будан, аҳамияти байналмиллалӣ доштан;

$E) Дар давомнокии таъсир ва ҳифзи ҳуқуқии он, хислати

танзимнамоӣ доштан;

**@114.Конститутсия  аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аз қонунҳои оддӣ чӣ фарқ дорад?**

**$A)** Санади олии ҳуқуқӣ буда, бо тарзи махсус кабул ва тағйир меёбад;

$B) Санади танзимнамоии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ;

$C) Санади сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ буда онро парлумон  қабул  ва тағйир  медиҳад;

$D) Ҳуҷҷати хислати эъломиявӣ дошта мебошад;

$E) Санади ҳуқуқмуқарраркунанда ва ӯҳдадоркунанда мебошад;

**@115.Мавқеи  Конститутсия дар низоми  қонунгузорӣ чи гуна аст?**

**$A)** Мавқеи аввалиндараҷа ва  муайянкунандаи ҳуқуқӣ дорад;

$B) Маркази  мантиқии  санадҳои  меъёрии ҳуқуқӣ  мебошад;

$C) Таъиноти сиёсии санадҳои меъёрии ҳуқукиро муқаррар мекунад;

$D) Мазмуни  дигар қонунҳоро муайян мекунад;

$E) Ҷои намоёнро ишғол мекунад;

**@116.Хусусиятҳои амали меъёрҳои конститутсия  дар чӣ мебошад?**

**$A)** Дар амали  бевоситаи  меъёрҳои он;

$B) Дар идоманокии ғояҳои он ва  таъсиси падидаҳои  ҳуқуқӣ;

$C) Дар таъсири  дебочаи он, бобҳо ва ҳиссаи интиқолии он;

$D)Дар амали дуру дароз ва таъсири бештари онҳо;

$E) Дар амали бавоситаи он ва тарзи махсуси тағйирёбӣ;

**@117.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадом восита қабул карда мешавад?**

**$A)** Ба воситаи раъйпурсии умумихалқӣ;

$B) Ба воситаи ҷаласа ва интихобот;

$C) Ба воситаи  парлумон, дар ҷаласаҳои  парлумон;

$D) Ба воситаи Президент, Ҳукумат;

$E) Ба воситаи Ҳукумат ва халқи ҷумҳурӣ;

**@118.Тартиби тағйироту илова дохил кардан ба конститутсия чи гуна аст?**

**$A)** Ба воситаи раъйпурсии умумихалқӣ;

$B) Ба воситаи муҳокимаю таклифгузорӣ ва қабули қонунҳо;

$C) Ба воситаи гузаронидани анҷуманҳо ва қабули қарор;

$D) Ба воситаи муҳокимаи парлумонӣ ва интишори қонунҳо;

$E) Ба воситаи баррасии он дар ҷаласаҳои Ҳукумат;

**@119.Ҳифзи ҳуқуқии конститутсияро кадом мақомоти махсуси давлатӣ амалӣ менамояд?**

**$A)** Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B) Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судҳои маҳаллӣ;

$C) Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва палатаҳои он;

$D) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгоҳи ӯ;

$E) Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумат;

**@120.Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадом мақсад ташкил ёфта, амал мекунад?**

**$A)** Муайян намудани мувофиқати қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии мақомоти олӣ ва марказии давлатию ҷамъиятӣ, ба Конститутсияи ҶТ;

$B) Таъмини риояи конститутсия ва қонунҳо, кодексҳо;

$C) Муайян кардани таносуби риояи усули тақсимоти ҳокимият ва татбиқи он;

$D) Муайян кардани сатҳи риояи қонунҳо ва қарорҳо;

$E) Таъмин кардани ягонагии усулҳои тайёр ва қабули қонунҳо ва мувофиқати онҳо ба Конститутсия;

**@121.Ҳайати Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чанд кас ва аз киҳо иборат аст?**

**$A)** Аз 7 кас, Раис, муовин ва аъзоён;

$B) Аз 8 кас, Раис ва котиб;

$C) Аз 7 кас, Раис, котиб, машваратчиён;

$D) Аз 5 кас, Раис, аъзоён ва котиб;

$E) Аз 9 кас, Раис ва аъзоён;

**@122.Сарвазир ва аъзои дигари Ҳукуматро кӣ ба вазифа таъин ва озод мекунад?**

**$A)** Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон;

$B) Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

$C) Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

$D) Маҷлиси Ҳукумат ва Шӯрои машваратии Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон;

$E) Маҷлиси ҳизбҳои парлумонӣ ва кумитаю комиссияҳои Маҷлиси миллӣ;

**@123.Фармонро дар бораи таъин ва озод кардани Сарвазир Президент ба тасдиқи кӣ пешниҳод мекунад?**

**$A)** Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон;

$B) Ҷаласаи якҷояи Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирон;

$C) Ҷаласаи якҷояи Дастгоҳи Президент ва Маҷлиси миллӣ;

$D) Ҷаласаи якҷояи соҳибкорон ва Ҳукумат;

$E) Ҷаласаи якҷояи Ҳукумат ва суди конститутсионӣ;

**@124.Ҳокимияти намояндагии маҳаллии давлатӣ чӣ ном дорад?**

**$A)** Маҷлиси вакилони халқи вилоят, шаҳр, ноҳия;

$B) Шӯрои вакилони халқи ноҳия ва шаҳр;

$C) Шӯрои маҳаллӣ ва Ҷамоати шаҳр ва деҳа;

$D) Ҷамоати шаҳраку деҳа ва дастгоҳи иҷроияи онҳо;

$E) Кумитаи маҳаллӣ ва Шӯрои кӯҳансолон;

**@125.Низоми мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатиро номбар кунед?**

**$A)** Маҷлиси вакилони халқи вилоят, шаҳр, ноҳия;

$B) Шӯъбаҳо, раёсатҳо, сохторҳои махаллӣ;

$C) Ҷамоати шаҳраку деҳа;

$D) Маҷлиси интихобкунандагон;

$E) Шӯрои вилоят, шаҳр, ноҳия;

**@126.Ҳокимияти иҷроияро дар маҳал кӣ амалӣ мегардонад?**

**$A)** Намояндаи Президент – раиси вилоят, шаҳр, ноҳия;

$B) Намояндаи Сарвазир – раиси шаҳру ноҳия;

$C) Намояндаи ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$D) Намояндаи салоҳиятдори Парлумон;

$E) Раиси аз тарафи халқи вилоят, шаҳр ва ноҳия интихоб кардашуда;

**@127.Маҷлиси маҳаллии вакилони халқро кӣ роҳбарӣ мекунад?**

**$A)** Раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия;

$B) Сарвазири Ҷумхурии Тоҷикистон;

$C) Парлумон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ;

$D) Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон;

$E) Мушовири Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон;

**@128.Раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия намояндаи кӣ мебошад?**

**$A)** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$B) намояндаи халқи Тоҷикистон;

$C) Халқи ноҳия ва шаҳри дахлдор;

$D) Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон;

$E) Миллатҳои дар ҷумхурӣ таваллудшуда;

**@129.Мӯҳлати ваколати Маҷлиси вакилони халқ чанд сол аст?**

**$A)** Панҷ сол;

$B) Се сол;

$C) Чор сол;

$D) Ду сол;

$E) Шаш сол;

**@130.Мӯҳлати ваколати судяҳо чанд сол аст?**

**$A)** 10 сол;

$B) 8 сол;

$C) 6 сол;

$D) 5 сол;

$E) 4 сол;

**@131.Ҳайати Суди конститутсионӣ аз чанд нафар иборат аст ва онҳо бо пешниҳоди кӣ аз тарафи кадом мақомот интихоб мегарданд?**

**$A)** Аз 7 нафариборат аст ва онҳо бо пешниҳоди Президент аз ҷониби Маҷлиси миллӣ интихоб мешаванд;

$B) Аз 9 нафар бо пешниҳоди Президент Суди конститутсионӣ интихоб мекунад;

$C) Аз 11 нафар бо пешниҳоди Суди Олӣ Маҷлиси намояндагон интихоб мекунад;

$D) Аз 13 нафар бо пешниҳоди Суди конститутсионӣ Маҷлиси миллӣ интихоб мекунад;

$E) Аз 15 нафар бо пешниҳоди Ҳукумат Президент таъин мекунад;

**@132.Барои ба вазифаи судяи суди конститутсионӣ интихоб шудан чи гуна шартҳо гузошта шудаанд?**

**$A)** Ҳуқуқшиносе,ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 65 боло набошад ва беш аз 10 сол собиқаи кори касбӣ дошта бошад;

$B) Ҳуқуқшиносе, ки қонун ва забони хориҷиро медонад;

$C) Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон будан, донистани забони модарӣ;

$D) Ҳуқуқшиносе, ки унвони илмӣ дошта, синнаш аз 35 кам аз 65 боло набошад ва беш аз 8 сол собиқаи кори умумӣ дошта бошад;

$E) Ҳуқуқшиносе, ки маълумоти олӣ дошта, синнаш аз 40 кам ва аз 65 боло набошад ва 12 собиқаи кори судягӣ дошта бошад;

**@133.Давлати иҷтимоӣ чист?**

**$A)** Давлате, ки баҳри таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва инкишофи озодонаи ҳар фард фаъолият дорад;

$B) Давлате, ки ба озодии фаъолияти иқтисодӣ асос меёбад;

$C) Давлате, ки ба волоияти ҳуқуқ асос меёбад;

$D) Давлате, ки ба гуногунии мафкуравию сиёсӣ асос меёбад;

$E) Давлате, ки ба муносибатҳои бозор такя мекунад;

**@134.Меъёри ҳуқуқ чист?**

**$A)** Муқаррароти меъёрӣ, ки аз ҷониби субъектони ваколатдори ҳуқуқэҷодкунӣ баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул мешавад;

$B) Қоидаи рафтори муқаррарнамудаи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ;

$C) Нишондоди ҳуқуқӣ, ки дар рафти татбиқи ҳуқуқ муқаррар мешавад;

$D) Нишондоди ҳуқуқӣ, ки дар шакли санадҳои меъёрӣ ва

ҳуқуқтатбиқсозӣ муқаррар мешавад;

$E) Қоидаи рафтори иҷтимоӣ, ки муносибатҳои одамонро танзим мекунад;

**@135.Сохти меъёри ҳуқуқ чист?**

**$A)** Унсурҳои дохилии меъёри ҳукуқ, ки мазмуни мантиқии онро муайян мекунанд;

$B) Унсурҳое, ки мазмуни дохилӣ ва шаклии меъёри ҳуқуқро ифода мекунанд;

$C) Маҷмӯи унсурҳои дохилии меъёри ҳуқуқ, тарзҳо ва воситаҳои танзими ҳукуқӣ;

$D) Унсурҳои мантиқии меъёри ҳуқуқ, моддаҳои санадҳои меъёрӣ;

$E) Унсурҳои иродавӣ, психологӣ, мантиқӣ, зоҳирии меъёри ҳуқуқ;

**@136.Гипотезаи меъёри ҳуқуқ чист?**

**$A)** Шартҳои амалӣ намудани меъёри ҳуқуқ;

$B) Қоидаи рафтори дар меъёри ҳуқуқ ифодагашта;

$C) Чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқии пешбинӣ намудаи меъёри ҳуқуқ;

$D) Шартҳои омодасозӣ, қабул, амалисозӣ, тафсири меъёри ҳуқуқ;

$E) Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектони ҳуқуқ;

**@137.Диспозитсияи меъёри ҳуқуқ чист?**

**$A)** Қоидаи рафтори дар меъёр пешбинишуда;

$B) Қоидаҳои ифодаи меъёри ҳуқуқ дар моддаи санади меъёрии ҳуқуқӣ;

$C) Чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқии пешбинӣ намудаи меъёри ҳуқуқ;

$D) Шартҳои омодасозӣ, қабул, амалисозӣ, тафсири меъёри ҳуқуқ;

$E) Шарту шароитҳои татбиқи меъёр, ки дар он муайян шуданд;

**@138.Санксияи меъёри ҳуқуқ чист?**

**$A)** Қисми меъёри ҳуқуқ, ки оқибатҳои номусоиди халалдор намудани меъёрро пешбинӣ мекунад;

$B) Вазифаҳое, ки тибқи меъёр ба зиммаи шахс гузошта мешаванд;

$C) Қоидаи рафтор, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дар меъёр пешбинишуда;

$D) Шартҳои амалӣ намудани меъёри ҳуқуқ;

$E) Ҳуқуқҳои иштирокчии муносибати ҳуқуқӣ, ки дар қисми меъёри ҳуқуқ пешбинӣ мешаванд;

**@139.Функсияи ҳуқуқ чист?**

**$A)** Самтҳои асосии танзим ва таъсиррасонии ҳуқуқӣ баҳри таъмини устувориву муташакилӣ дар ҳаёти ҷомеа;

$B) Шаклҳои асосии амалисозии ҳуқуқ;

$C) Самтҳои асосии ҳифзи ҳукуқ баҳри таъмини устувориву муташакилӣ дар ҳаёти одамон;

$D) Самтҳои асосии таъсиррасонии иҷтимоӣ баҳри устувориву муташакилӣ дар ҳаёти ҷомеа;

$E) Самтҳои асосии татбиқи ҳукуқ бо иштироки субъектони мухталифи ҳуқуқ;

**@140.Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҳуқуқро муайян намоед?**

**$A)** Эҷоди ҳуқуқ, иҷрои ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқ;

$B) Танзимӣ, иттилотӣ (ахборотӣ), арзишӣ, дохилӣ ва хориҷӣ;

$C) Танзимӣ, иттилотӣ (ахборотӣ), арзишӣ;

$D) Танзимӣ, иттилотӣ (ахборотӣ), арзишӣ, тафсирӣ, татбиқӣ;

$E) Танзими динамикӣ, танзими статикӣ, ҳифзӣ;

**@141.Танзими ҳуқуқӣ чист?**

**$A)** Таъсирасонии мақсаднок, муташаккилона ва меъёриву арзишӣ ба рафтори одамон ва муносибатҳои ҷамъиятӣ бо ёрии воситаҳои ҳуқуқӣ;

$B) Таъсиррасонии мақсаднок, муташаккилона ва меъёриву арзишӣ бо ёрии воситаҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии иҷтимоӣ (иттилоот);

$C) Самтҳои танзим ва таъсиррасонии ҳуқуқӣ;

$D) Таъсирасонӣ, амалисозӣ, татбиқ ва тафсири мақсаднок, муташаккилона ва меъёриву арзишӣ;

$E) Самтҳои фаъолияти сохторҳои махсуси давлатӣ ва одамон баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ;

**@142.Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ аз чӣ иборат аст?**

**$A)** Маҷмӯаи меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ ва вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро танзимкунанда;

$B) Маҷмӯаи меъёрҳои ҳуқуқи маъмуриро танзимкунанда;

$C) Маҷмӯаи меъёрҳои иҷтимои иқтисодиро танзимкунанда;

$D) Маҷмӯаи меъёрҳои молумулки ва меросиро танзимкунанда;

$E) Мавзӯи меъёрҳои ҷамъиятӣ - сиёсиро танзимкунанда;

**@143.Низоми ҳуқуқи миллӣ чист?**

**$A)** Маҷмӯи падидаҳои ҳуқуқӣ, ки дар хусуси пешрафти ҳуқуқии кишвари ҷудогона далолат мекунанд;

$B) Маҷмӯи соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ;

$C) Маҷмӯи меъёрҳо, соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ;

$D) Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

$E) Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат;

**@144.Унсури марказии низоми ҳуқуқиро муайян намоед?**

**$A)** Ҳуқуқ;

$B) Давлат;

$C) Қонунгузорӣ;

$D) Илми ҳуқуқшиносӣ;

$E) Шуури ҳуқуқӣ;

**@145.Мафҳуми ҳуқуқӣ чист?**

**$A)** Шакли тафаккур, ки нишонаҳои муҳими падидаҳои ҳуқуқиро ифода мекунад;

$B) Нуқтаҳои муайянсозанда ва асосҳои пешбарандаи ҳуқуқ;

$C) Шакли умумигаштаи таълимоти илмӣ;

$D) Шакли умумигаштаи мафҳумҳои ҳуқуқӣ;

$E) Таърифи падидаҳои ҳуқуқӣ;

**@146.Категорияи ҳуқуқӣ чист?**

**$A)** Шакли умумигаштаи мафҳумҳои ҳуқуқӣ;

$B) Нуқтаҳои муайянсозанда ва асосҳои пешбарандаи ҳуқуқ;

$C) Таърифи падидаҳои ҳуқуқӣ;

$D) Шакли тафаккур, ки нишонаҳои муҳими падидаҳои давлативу ҳуқуқиро ифода мекунад;

$E) Шакли умумигаштаи таълимоти илмӣ;

**@147.Мафҳуми «давлат – ташкилоти сиёсӣ» чӣ маънӣ дорад?**

**$A)** Давлат субъект ва амалисозандаи ҳокимияти сиёсӣ мебошад;

$B) Давлат аз дастгоҳи махсуси идоракунӣ иборат аст;

$C) Давлат дар ҳудуди муайян амал мекунад;

$D) Давлат ташкилоти соҳибихтиёр мебошад;

$E) Давлат - иттиҳоди одамон мебошад;

**@148.Мафҳуми «давлат – ташкилоти таркибӣ» чӣ маънӣ дорад?**

**$A)** Давлат аз дастгоҳи махсуси (мақомоти давлатии) амалисозии ҳокимияти давлатӣ иборат аст;

$B) Давлат субъект ва амалисозандаи ҳокимияти сиёсӣ мебошад;

$C) Давлат ташкилоти соҳибихтиёр мебошад;

$D) Давлат – иттиҳоди одамон мебошад;

$E) Давлат дар ҳудуди муайян амал мекунад;

**@149.Мафҳуми «давлат – ташкилоти ҳудудӣ» чӣ маънӣ дорад?**

**$A)** Ташкили ҳудудии ҳокимияти давлатӣ, мансубияти шаҳрвандии одамон, сарватҳои ҳудудии давлат;

$B) Давлат субъект ва амалисозандаи ҳокимияти сиёсӣ мебошад;

$C) Давлат ташкилоти соҳибихтиёр мебошад;

$D) Давлат аз дастгоҳи махсуси (мақомоти давлатии) амалисозии ҳокимияти давлатӣ иборат аст;

$E) Давлат - иттиҳоди одамон мебошад;

**@150.Давлат чун ташкилоти ҳудудӣ ба кадом маънӣ истифода мешавад?**

**$A)** Ба маънои ҷуғрофӣ (кишвар, Ватан, мамлакат);

$B) Ба маънои сиёсӣ (субъекти ҳокимияти сиёсӣ);

$C) Ба маънои соҳибихтиёрӣ (ташкилоти соҳибихтиёр);

$D) Ба маънои таркибӣ (иборат аз дастгоҳи давлатӣ);

$E) Ба маънои ҳудудӣ (дорои ҳудуд) ва сиёсӣ;

**@151.Давлат чист?**

**$A)** Ташкилоти соҳибихтиёри сиёсӣ, таркибӣ ва ҳудудии ҳокимияти сиёсӣ, ки вазифаи идораи ҷомеаро баҳри беҳбудии ҳаёти одамон ва рушди ҷомеа ба сомон мерасонад;

$B) Ташкилоти сиёсии ҷомеа, ки дар хаёти сиёсӣ ширкат меварзад;

$C) Иттиҳоди одамон, ки дар заминаи аъзогии онҳо ташкил мешавад;

$D) Ташкилоти таърихан ташаккулёфтаи ҷомеа, ки бо пешрафти ҷомеа такмил меёбад;

$E) Ташкилоти сиёсӣ, ки бо иштироки одамон таъсис мешавад;

**@152.Мақомоти давлатӣ чист?**

**$A)** Унсури таркибии дастгоҳи давлатӣ, ки дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ буда, функсияҳои ҷудогонаи давлатро амалӣ мекунад;

$B) Коллективи шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ, коркунони иттилоотӣ ва техникии дохили мақоми давлатӣ;

$C) Сохторҳои қудратӣ, ки бо мақсади иҷрои вазифаҳои муайяни давлатӣ ташкил мешаванд;

$D) Ташкилоти ҳокимиятӣ, ки дар заминаи худидора ташкил мешавад;

$E) Мақоми иттиҳодияҳои шаҳрвандон, ки бо иштироки шаҳрвандон таъсис мешавад;

**@153.Конфедератсия чист?**

**$A)** Иттиҳоди давлатҳои соҳибихтиёр баҳри ҳадафҳои муайян, иттифоқи байналхалқӣ-ҳуқуқӣ;

$B) Иттиҳоди давлатҳо дар дохили давлати алоҳида;

$C) Иттиҳоди сохторҳои мухталифи молиявию бонкӣ;

$D) Иттиҳоди воҳидҳои марзиву маъмурии дохили давлат;

$E) Иттиҳоди сохторҳои иқтисодиву молиявии ҷаҳон;

**@154.Режими давлатӣ (сиёсӣ) чист?**

**$A)** Тарзу усулҳои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ;

$B) Тарзи ташкили ҳудудии ҳокимияти давлатӣ;

$C) Тарзи ташкили ҳокимияти олии давлатӣ;

$D) Тарзи амалӣ намудани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат;

$E) Тарзи таъмини ягонагӣ ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ;

**@155.Шакли сохти давлатӣ кадом намудҳо дорад?**

**$A)** Давлати ягона, давлати федеративӣ, давлати конфедеративӣ;

$B) Давлати ягона ва давлати федеративӣ;

$C) Давлати ягона ва давлати конфедеративӣ;

$D) Давлати федеративӣ ва давлати конфедеративӣ;

$E) Монархия ва ҷумҳурӣ;

**@156.Давлати ягона (унитарӣ) чист?**

**$A)** Давлати ягонаи марказонидашуда бидуни ташкилоти давлатӣ будани воҳидҳои марзиву маъмурияш;

$B) Иттиҳоди давлатҳо;

$C) Давлати иттифоқӣ;

$D) Субъекти иттиҳодҳои давлатӣ;

$E) Давлати иборат аз ташкилотҳои мустақили давлатӣ;

**@157.Давлати ҳуқуқбунёд чист?**

**$A)** Сатҳи баланди пешрафти давлатдорӣ, ки ба волояти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ асос меёбад;

$B) Давлате, ки ба гуногуншаклии моликият асос меёбад;

$C) Давлате, ки ба фаъолияти парлумонӣ асос меёбад;

$D) Давлате, ки ба гуногунии мафкуравию сиёсӣ асос меёбад;

$E) Давлате, ки ба моликиятдории хусусӣ асос меёбад;

**@158.Аломатҳои давлати ҳукуқбунёдро муайян намоед?**

**$A)** Волояти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, масъулияти тарафайнии давлат ва шаҳрванд, тақсимоти ҳокимият, назорати судии конститутсионӣ;

$B) Соҳибихтиёрӣ, низоми ҳуқуқи миллӣ, ҳудуд, дастгоҳи идоракунӣ;

$C) Интихобот ва раъйпурсӣ, низоми бисёрҳизбӣ, соҳибкории хусусӣ;

$D) Сохибихтиёрӣ, ҳудуди ягона, низоми андоз, эҷоди қонун;

$E) Асъори миллӣ, суруди милӣ, парчам ва нишони миллӣ;

**@159.Қоидаҳои рафтори ҷомеаи тодавлатӣ кадомҳо буданд?**

**$A)** Меъёрҳои одатӣ, динӣ, ахлоқӣ;

$B) Меъёрҳои динӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, одатӣ;

$C) Меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ, корпоративӣ, одатӣ;

$D) Меъёрҳои динӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, одатӣ;

$E) Меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ, одатӣ, қонунҳо;

**@160.Хусусиятҳои қоидаҳои рафтори ҷомеаи тодавлатиро муайян намоед?**

**$A)** Шакли ифодаи мифологӣ, ягонагӣ (мононормаҳо), маҳсули ҷомеа будани онҳо, набудани мақоми махсуси эҷод;

$B) Шакли ифодаи расмӣ-давлатӣ, ягонагӣ (мононормаҳо), маҳсули ҷомеа, набудани мақоми махсуси эҷод;

$C) Шакли ифодаи мифологӣ, ягонагӣ (мононормаҳо), маҳсули ҷомеа, мақоми махсуси сиёсии эҷоди онҳо;

$D) Шакли ифодаи мифологӣ, ягонагӣ (мононормаҳо), маҳсули мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ;

$E) Муайянияти шаклӣ, низомнокӣ, кафолати давлатӣ;

**@161.Истилоҳи «ҳуқуқ» ба кадом маъноҳо фаҳмида мешавад?**

**$A)** Ба маънои умумииҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ;

$B) Ба маънои умумииҷтимоӣ, фалсафӣ, психологӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ;

$C) Ба маънои позитивӣ, фитрӣ, сотсиологӣ, фалсафӣ, иқтисодӣ;

$D) Ба маънои фалсафӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ;

$E) Ба маънои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, одатӣ, анъанавӣ, сиёсатшиносӣ;

**@162.Инсондӯстӣ чун принсипи ҳуқуқ чӣ маънӣ дорад?**

**$A)** Амалисозии ҳуқуқ ва танзими ҳуқуқӣ дар заминаи меҳрубонӣ, эҳтироми қадри инсонӣ;

$B) Масъулияти тарафайни давлат ва шахс;

$C) Амалишавии демократии ҳуқуқ;

$D) Баробарии шаҳрвандон назди қонун;

$E) Риояи аниқи қонунҳо аз ҷониби субъектони ҳуқуқ;

**@163.Принсипи баробарии ашхос дар назди қонун чӣ маънӣ дорад?**

**$A)** Баробарии ҳама назди қонун бидуни мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ ва аҳволи молумулкӣ;

$B) Баробарии ашхоси мансабдор назди қонун;

$C) Баробарии одамон назди қонун вобата ба вазъи ҳуқуқӣ;

$D) Баробарии шахсони ҳуқуқӣ назди қонун;

$E) Баробарии одамон дар соҳаи амали меъёрҳои иҷтимоӣ;

**@164.Принсипи масъулияти тарафайни давлат ва шахс чӣ маънӣ дорад?**

**$A)** Равобити дутарафаи давлат ва шахс зимни амалӣ намудани ҳуқуқу вазифаҳои тарафайн;

$B) Иҷрои вазифаҳои давлат назди шахс;

$C) Иҷрои вазифаҳои шахс назди давлат;

$D) Иҷрои вазифаҳои давлат назди шахс ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои шахс назди давлат;

$E) Иҷрои вазифаҳои шахс назди давлат ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои давлат назди шахс;

**@165.Принсипи демократии ҳуқуқ чӣ маъно дорад?**

**$A)** Ташаккул ва амалишавии демократии ҳуқуқ;

$B) Ташаккули демократии ҳуқуқ;

$C) Амалишавии демократии ҳуқуқ;

$D) Ошкорбаёнӣ дар қонунэҷодкунӣ;

$E) Интишори расмии қонунҳо;

**@166.Принсипи баробарии миллӣ дар ҳуқуқ чӣ маънӣ дорад?**

**$A)** Баробарии ҳама назди қонун новобаста аз мансубияти миллӣ;

$B) Баробарии ҳама новобаста аз мансубияти милливу нажодӣ ва ҷинсӣ;

$C) Баробарии миллии ҳама назди кулли меъёрҳои иҷтимоии ҷомеа;

$D) Баробарҳуқуқии шаҳрвандон;

$E) Ҳуқуқи халқ ба худмуайянсозии миллӣ;

**@167.Принсипи қонуният чӣ маънӣ дорад?**

**$A)** Риояву иҷрои аниқи Конститутсия ва қонунҳо аз ҷониби давлат мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо;

$B) Риояи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зериқонунӣ аз ҷониби давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо;

$C) Риояи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз ҷониби давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо;

$D) Риояву иҷрои аниқи Конститутсия ва қонунҳо аз ҷониби шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо;

$E) Риояи Конститутсия аз ҷониби давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо;

**@168.Намудҳои маҷбурсозии давлатиро муайян намоед?**

**$A)** Огоҳсозӣ, пешгирисозии ҳуқуқӣ, ҳуқуқбарқарорсозӣ, ҷавобгарии ҳукуқӣ;

$B) Ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ, интизомӣ, гражданӣ;

$C) Огоҳсозӣ, пешгирисозии ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҳукуқӣ;

$D) Пешгирисозии ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҳукуқӣ;

$E) Пешгирисозии ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ, интизомӣ, гражданӣ;

**@169.Ҳуқуқи инсон чист?**

**$A)** Имкони амали ҳуқуқии ҳар фарди ҷомеа бидуни мансубияти шаҳрвандӣ, миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ ва мисоли инҳо;

$B) Имкони амали ҳуқуқии ҳар фард дар робита бо мансубияти шаҳрвандӣ;

$C) Имкони амали ҳуқуқии ҳар фард дар робита бо истиқомат дар қаламрави давлати муайян;

$D) Имкони амали ҳуқуқии дар қонун пешбинишуда;

$E) Имкони амали ҳуқуқии ҳар шаҳрванд бидуни мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ ва мисоли инҳо;

**@170.Меъёри иҷтимоӣ чист?**

**$A)** Қоидаи рафтори одамон дар ҷомеаи инсонӣ;

$B) Муқаррароти меъёрии давлат;

$C) Нишондоди ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат;

$D) Қоидаи рафтори одамон, ки дар қонунҳо пешбинӣ мешавад;

$E) Қоидаи рафтори одамон, ки Конститутсия эълон мекунад;

**@171.Меъёри ахлоқӣ чист?**

**$A)** Қоидаи рафтори одамон, ки муносибати онҳоро бо назардошти талабу арзишҳои ахлоқӣ танзим мекунад;

$B) Қоидаи рафтор, ки шаклҳои расмии ифода дорад;

$C) Қоидаи рафтори муқаррарнамудаи давлат;

$D) Қоидаи рафтори одамон, ки муносибати онҳоро бо назардошти талабу арзишҳои ахлоқӣ танзим мекунад ва дар шаклҳои расмӣ ифода гаштааст;

$E) Қоидаи рафтори одамон, ки муносибати онҳоро бо назардошти талабу арзишҳои ахлоқӣ танзим мекунад ва бо чораҳои давлатӣ таъмин аст;

**@172.Ягонагии ҳуқуқ ва ахлоқ дар чӣ ифода меёбад?**

**$A)** Воситаҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ҳадафҳои умумӣ доранд;

$B) Шаклҳои мухталифи ифода доранд;

$C) Воситаҳои гуногуни таъмин доранд;

$D) Бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат алоқа доранд;

$E) Шаклҳои ифодаи хаттии расмӣ доранд;

**@173.Тафовути ҳуқуқ ва ахлоқ дар чӣ ифода меёбад?**

**$A)** Вобаста ба субъекти эҷод, шаклҳои ифода, таъминоти иҷроиш;

$B) Намудҳои меъёрҳои иҷтимоӣ мебошанд;

$C) Баҳри танзими ҳаёти ҷомеа хизмат мекунанд;

$D) Амали одамонро танзим мекунанд;

$E) Воситаҳои танзими ҳуқуқӣ мебошанд, ҳадафҳои умумӣ доранд;

**@174.Ҳамкории ҳуқуқ ва ахлоқ дар чӣ ифода меёбад?**

**$A)** Ҳамкорӣ зимни талабот, ҳадафҳо, вазифаҳои умумӣ;

$B) Шаклҳои ифодаи хаттии расмӣ доранд;

$C) Бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат алоқа доранд;

$D) Воситаҳои мухталифи танзим мебошанд;

$E) Бо чораҳои мухталифи риоя таъминанд;

**@175.Мухолифати ҳуқуқ ва ахлоқ дар чӣ ифода меёбад?**

**$A)** Баҳодиҳии мухталиф ба рафтори инсон, ифодаи манфиатҳои мухталиф, эътирофи гуногуни амалҳои инсонӣ;

$B) Ҳамкорӣ зимни талабот, ҳадафҳо, вазифаҳои умумӣ;

$C) Воситаҳои танзими ҳуқуқӣ мебошанд, ҳадафҳои умумӣ доранд;

$D) Баҳодиҳии умумӣ ба рафтори инсон, ифодаи манфиатҳои умумӣ, эътирофи ягонаи амалҳои инсонӣ;

$E) Воситаҳои танзими ҳуқуқӣ мебошанд, ҳадафҳои умумӣ доранд;

**@176.Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян намоед?**

**$A)** Дар таҳти маҷбурияти давлатӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳо аз тарафи ҳуқуқвайронкунандагон мебошад;

$B) Ҳабс намудани шаҳрванд ва барҳам додани корхона мебошад;

$C) Риояи тартибот дар зери истифодабарии қувваи зурӣ мебошад;

$D) Ихтиёран иҷро намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гражданӣ;

$E) Маҳрум намудан аз манфиатҳои шахсӣ, молумулкӣ ва маҳдуд намудани истифодабарии онҳо мебошад;

**@177.Намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян созед?**

**$A)** Интизомӣ, маъмурӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ;

$B) Гражданӣ, моддӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ;

$C) Хоҷагӣ, моддӣ, ҷиноятӣ, интизомӣ;

$D) Ҷиноятӣ, иқтисодӣ, моддӣ, маъмурӣ;

$E) Экологӣ, маънавӣ, интизомӣ, ҷиноятӣ;

**@178.Мафҳуми умуми эътирофшудаи ҳуқуқи инсон?**

**$A)** Ҳуқуқи инсон – ин низоми меъёрҳои миллӣ ва байналмиллалист, ки дар онҳо унсурҳои муҳими мавҷудияти инсон муайян шудааст;

$B) Ҳуқуқи инсон – ин сифати ахлоқии инсон аст, ки аз рӯи адл ба ӯ имкониятҳо меофарад;

$C) Ҳуқуқи инсон – ин муҳимтарин сифатҳои шахсият аст, ки барои инкишофи озодии вай ҳамчун инсон шароит муҳайё мекунад;

$D) Ҳуқуқи инсон – ин имкониятҳои кафолатдодашудаи давлат аст;

$E) Ҳуқуқи инсон – ин қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии субъектони ҳуқуқ мебошад;

**@179.Таснифоти ҳуқуқи инсон вобаста ба давраи пайдоиши ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд?**

**$A)** Ҳуқуқҳои насли якум (ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ), насли дуюм (ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ), насли сеюм (ҳуқуқҳои коллективӣ);

$B) Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

$C) Ҳуқуқҳои табиии инсон ва ҳуқуқҳои позитивии инсон;

$D) Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд;

$E) Ҳуқуқҳои кӯдакон, ҳуқуқҳои занҳо, ҳуқуқҳои муҳоҷирон, ҳуқуқҳои гурезаҳо, ҳуқуқҳои маъюбон, ҳуқуқҳои шахсоне, ки дар муҳорибаҳои ҳарбӣ қарор доранд, ҳуқуқҳои маҳбусшудагон ва ҳоказо;

**@180.Таснифоти ҳуқуқи инсон вобаста ба мақоми ҳуқуқии шахс дар ҷомеа?**

**$A)** Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд;

$B) Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

$C) Ҳуқуқҳои табиии инсон ва ҳуқуқҳои позитивии инсон;

$D) Ҳуқуқҳои насли якум (ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ), насли дуюм (ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ), насли сеюм (ҳуқуқҳои коллективӣ);

$E) Ҳуқуқҳои кӯдакон, ҳуқуқҳои занҳо, ҳуқуқҳои муҳоҷирон, ҳуқуқҳои гурезаҳо, ҳуқуқҳои маъюбон, ҳуқуқҳои шахсоне, ки дар муҳорибаҳои ҳарбӣ қарор доранд, ҳуқуқҳои маҳбусшудагон ва ҳоказо;

**@181.Таснифоти ҳуқуқи инсон вобаста ба субъектҳои ҳуқуқи инсон?**

**$A)** Ҳуқуқҳои кӯдакон, ҳуқуқҳои занҳо, ҳуқуқҳои муҳоҷирон, ҳуқуқҳои гурезаҳо, ҳуқуқҳои маъюбон, ҳуқуқҳои шахсоне, ки дар муҳорибаҳои ҳарбӣ қарор доранд, ҳуқуқҳои маҳбусшудагон ва ҳоказо;

$B) Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

$C) Ҳуқуқҳои табии инсон ва ҳуқуқҳои позитивии инсон;

$D) Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд;

$E) Ҳуқуқҳои насли якум (ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ), насли дуюм (ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ), насли сеюм (ҳуқуқҳои коллективӣ);

**@182.Мафҳуми механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон?**

**$A)** Дар зери мафҳуми механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон он роҳу восита ва тарзу усулҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз ҳар гуна кирдорҳои таҷовузкорона ҳимоя карда мешавад;

$B) Дар зери мафҳуми механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон он роҳу қоида ва арзишу тадбирҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз ҳар гуна кирдорҳои таҷовузкорона ҳимоя карда мешавад;

$C) Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон – ин тадбирҳои андешидашавандаи давлатие мебошад, ки баҳри таъмини арзишҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон равона карда шудаанд;

$D) Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон гуфта маҷмуи арзишҳои ҳуқуқи инсонро меноманд;

$E) Механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар менамояд;

**@183.Намудҳои механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон?**

**$A)** Миллӣ ва байналхалқӣ;

$B) Универсалӣ ва минтақавӣ;

$C) Судӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ғайридавлатӣ;

$D) Давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

$E) Судӣ ва гайрисудӣ;

**@184.Ҷавобгарии маъмурӣ боиси доғи судӣ мегардад ё не?**

**$A)** Намегардад;

$B) Мегардад;

$C) Тибқи қонун танҳо дар баъзе мавридҳо мегардад;

$D) Дар асоси хулосаи мақомоти татбиққунанда муқарар мегардад, ки доғи судӣ мегирад ё не;

$E) Аз иродаи шахси маҳкумшуда вобастагӣ дорад;

**@185.Муносибатҳои молу мулкӣ чист?**

**$A)** Муносибатҳои ҷамъиятӣ оиди неъматҳои гуногуни арзишноки иқтисодӣ, моддӣ ва интелектуалӣ;

$B) Шартномаи маҳсулотсупорӣ, хариду фурӯш ва ҳоказо;

$C) Муносибат бо замин, боғчасарой, хона ва ҳоказо;

$D) Муносибатҳои моликиятдор бо молу мулк;

$E) Муносибатҳое, ки бо ҳуқуқи шахсии шаҳрвандон алоқаманд аст;

**@186.Объекти муносибатҳои ғайримолумулкии шахсӣ?**

**$A)** Ҳуқуқи муаллиф, ному насаб, шаъну шараф ва ҳоказо;

$B) Шаъну шараф, дахлнопазирии шахсӣ, шартномаи хуриду фуруш, репутатсия ва ҳоказо;

$C) Ҳуқуқ ба ихтироот ва кашфиёт, шаъну шараф, ному насаб, моликият ва ҳоказо;

$D) Ҳуқуқи муаллиф, дахлнопазирии шахсӣ, мерос, шаъну шараф ва

репутатсияи фаъолияти шаҳрванд ва ҳоказо;

$E) Ҳуқуқи муаллиф, шаъну шараф ва репутатсияи фаъолияти шаҳрванд ва муассиса;

**@187.Шахси ҷисмонӣ ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳукуқӣ?**

**$A)** Шаҳрванди ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бетабаа;

$B) Тамоми касоне, ки молу мулки муайян доранд;

$C) Тамоми касоне, ки дар ҳудуди давлат мебошанд, шахсони бетабаа;

$D) Шаҳрвандонии ҶТ, хориҷиён дар ҳудуди ҶТ истиқоматкунанда;

$E) Шаҳрвандии ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бетабаа, шахсоне, ки шаҳрвандӣ доранд ва ҳоказо;

**@188.Нишонаҳои шахси ҳуқуқӣ ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ?**

**$A)** Ягонагии ташкилӣ, молу мулки мустақил доштан, ҷавобгарии мустақили молу мулкӣ, дар муомилоти граждани аз номи худ баромад намудан;

$B) Ягонагии ташкилӣ, ном доштан, нишонаи молӣ доштан, соҳиби мӯҳр будан, ҷавобгарии мустақили молу мулкиро ба ҷо овардан;

$C) Соҳиби ном, нишонаи молӣ, мӯҳр, штамп, ягонагии ташкилӣ, молу мулки мустақил;

$D) Молу мулки мустақил дошта, дар муомилотҳои гражданӣ баромад менамояд;

$E) Ягонагии ташкилӣ, молу мулки мустақил доштан, нишонаи молӣ доштан, соҳиби мӯҳр будан, ҷавобгарии мустақили молу мулкӣ, дар муомилоти гражданӣ аз номи худ баромад намудан;

**@189.Фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ чист?**

**$A)** Фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ чунин фаъолияти давлатиест, ки бо

мақсади ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ дар асоси тартиботи муқарарнамудаи қонун бо роҳи истифодаи чораҳои таъсиррасонии қонунӣ амалӣ карда мешавад;
$B) Фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ чунин фаъолияти давлатиест, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти махсуси ваколатдори маҳаллӣ дар асоси тартиботи муқарарнамудаи ҳуқуқӣ бо роҳи истифодаи чораҳои таъсиррасонии қонунӣ амалӣ карда мешавад;
$C) Фаъолияти ҳуқуқ муҳофизавӣ чунин фаъолияти мақомотест, ки бо мақсади ҳифзи қонун аз ҷониби шахси махсуси ваколатдори давлатӣ дар асоси тартиботи муқарарнамудаи қонун бо роҳи истифодаи чораҳои таъсиррасонии қонунӣ амалӣ карда мешавад;
$D) Фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ чунин фаъолияти мақомотест, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти махсуси ваколатдор дар асоси тартиботи муқарарнамудаи қонун бо роҳи истифодаи чораҳои таъсиррасонии қонунӣ амалӣ карда мешавад;
$E) Фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ чунин фаъолияти давлатиест, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби шахси мансабдори махсуси ваколатдори давлатӣ дар асоси тартиботи муқаррарнамудаи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад;

**@190.Чораҳои ҷазои интизомӣ кадомҳоянд?**

**$A)** Сарзаниш, танбеҳ, аз кор озод намудан;

$B) Огоҳӣ, танбеҳ, аз кор озод намудан, аз озодӣ маҳрум намудан;

$C) Танбеҳ, огоҳӣ, ба кори дигар гузаронидан, аз кор озод намудан, ҷарима;

$D) Аз мукофот маҳрум намудан, ба кори муздаш кам гузаронидан, ҷарима;

$E) Сарзаниш, танбеҳ, аз кор озод намудан, мусодираи амвол;

**@191.Ҷиноят чист?**

**$A)** Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфнокест, ки кодекси ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро манъ кардааст;

$B) Барои ҷамъият хавфнок будани кирдор, рафтори зиддиҳуқуқӣ будани он, гунаҳгорӣ, лоиқи ҷазо будани чунин кирдор;

$C) Чораи маҷбурсозии давлатӣ буда, истифодаи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноиро нисбати ашхоси дар содиршавии ҷиноят гунаҳгор дар назар дорад;

$D) Дар он ифода мегардад, ки шахси ҷиноят содиркарда маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро бояд аз сар гузаронад;

$E) Объекти ҷиноят, тарафи объективии (берунаи) ҷиноят, субъекти ҷиноят, тарафи субъективии (дохилаи) ҷиноят;

**@192.Нишонаҳои ҷиноят?**

**$A)** Барои ҷамъият хавфнок будани кирдор, рафтори зиддиҳуқуқӣ будани он, гунаҳгорӣ, сазовори ҷазо будани чунин кирдор;

$B) Кирдори начандон вазнини содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфнок;

$C) Чораи маҷбурсозии давлатӣ буда, истифодаи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноиро нисбати ашхоси дар содиршавии ҷиноят гунаҳгор дар назар дорад;

$D) Дар он ифода мегардад, ки шахси ҷиноят содиркарда маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро бояд аз сар гузаронад;

$E) Объекти ҷиноят, тарафи объективии (берунаи) ҷиноят, субъекти ҷиноят, тарафи субъективии (дохилаи) ҷиноят;

**@193.Мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ?**

**$A)** Чораи маҷбурсозии давлатӣ буда, истифодаи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноиро нисбати ашхоси дар содиршавии ҷиноят гунаҳгор дар назар дорад;

$B) Барои ҷамъият хавфнок будани кирдор, рафтори зиддиҳуқуқӣ будани он, гунаҳгорӣ, лоиқи ҷазо будани чунин кирдор;

$C) Кирдори содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфнокест, ки кодекси ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро манъ кардааст;

$D) Дар он ифода мегардад, ки шахси ҷиноят содиркарда маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро бояд аз сар гузаронад;

$E) Объекти ҷиноят, тарафи объективии (берунаи) ҷиноят, субъекти ҷиноят, тарафи субъективии (дохилаи) ҷиноят;

**@194.Моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ?**

**$A)** Дар он ифода мегардад, ки шахси ҷиноят содиркарда маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро бояд аз сар гузаронад;

$B) Барои ҷамъият хавфнок будани кирдор, рафтори зиддиҳуқуқӣ будани он, гунаҳгорӣ, лоиқи ҷазо будани чунин кирдор;

$C) Чораи маҷбурсозии давлатӣ буда, истифодаи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноиро нисбати ашхоси дар содиршавии ҷиноят гунаҳгор дар назар дорад;

$D) Кирдори содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфнокест, ки кодекси ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро манъ кардааст;

$E) Объекти ҷиноят, тарафи объективии (берунаи) ҷиноят, субъекти ҷиноят, тарафи субъективии (дохилаи) ҷиноят;

**@195.Мафҳуми таркиби ҷиноят?**

**$A)** Маҷмӯи аломатҳои субъективӣ ва объективии аз тарафи қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудае мебошанд, ки кирдори мушахаси ба ҷамъият хавфнок содиршударо чун ҷиноят нишон медиҳанд;

$B) Маҷмӯи аломатҳои субъективӣ ва объективии аз тарафи қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудае мебошанд, ки кирдори мушахаси ба ҷамъият хавфнок содиршударо чун ҷиноят нишон намедиҳанд;

$C) Чораи маҷбурсозии давлатӣ буда, истифодаи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноиро нисбати ашхоси дар содиршавии ҷиноят гунаҳгор дар назар дорад;

$D) Дар он ифода мегардад, ки шахси ҷиноят содиркарда маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро бояд аз сар гузаронад;

$E) Объекти ҷиноят, тарафи объективии (берунаи) ҷиноят, субъекти ҷиноят, тарафи субъективии (дохилаи) ҷиноят;

**@196.Унсурҳои таркиби ҷиноят?**

**$A)** Объекти ҷиноят, тарафи объективии (берунаи) ҷиноят, субъекти ҷиноят, тарафи субъективии (дохилаи) ҷиноят;

$B) Барои ҷамъият хавфнок будани кирдор, рафтори зиддиҳуқуқӣ будани он, гунаҳгорӣ, лоиқи ҷазо будани чунин кирдор;

$C) Чораи маҷбурсозии давлатӣ буда, истифодаи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноиро нисбати ашхоси дар содиршавии ҷиноят гунаҳгор дар назар дорад;

$D) Дар он ифода мегардад, ки шахси ҷиноят содиркарда

маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро бояд аз сар гузаронад;

$E) Кирдори содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфнокест, ки кодекси ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро манъ кардааст;

**@197.Мафҳуми объекти ҷиноят?**

**$A)** Ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки аз тарафи кодекси ҷиноятӣ ҳифз мегарданд;

$B) Ин тарафи берунаи содири ҷиноятро дар назар дошта, дар шакли ҳаракат ё беҳарактӣ зоҳир мегардад;

$C) Ин шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни муқарраркардаи қонун расидае мебошад, кирдори ҷиноиро содир кардааст;

$D) Ин муносибати ботинии шахсро ба кирдори содиркардааш ифода менамояд;

$E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@198.Мафҳуми тарафи объективии ҷиноят?**

**$A)** Ин тарафи берунаи содири ҷиноятро дар назар дошта, дар шакли ҳаракат ё беҳарактӣ зоҳир мегардад;

$B) Ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки аз тарафи кодекси ҷиноятӣ ҳифз мегарданд;

$C) Ин шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни муқарраркардаи қонун расидае мебошад, кирдори ҷиноиро содир кардааст;

$D) Ин муносибати ботинии шахсро ба кирдори содиркардааш ифода менамояд;

$E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@199.Мафҳуми субъекти ҷиноят?**

**$A)** Ин шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни муқарраркардаи қонун

расидае мебошад, ки кирдори ҷиноиро содир кардааст;

$B) Ин тарафи берунаи содири ҷиноятро дар назар дошта, дар шакли ҳаракат ё беҳарактӣ зоҳир мегардад;

$C) Ин шахсонеро меноманд, ки аҳдҳои гражданиро бастаанд;

$D) Ин муносибати ботинии шахсро ба кирдори содиркардааш ифода менамояд;

$E) шахсони номукаллафи ҷиноят содирнамударо меноманд;

**@200.Мафҳуми тарафи субъективии ҷиноят?**

**$A)** Ин муносибати ботинии шахсро ба кирдори содиркардааш ифода менамояд;

$B) Ин тарафи берунаи содири ҷиноятро дар назар дошта, дар шакли ҳаракат ё беҳарактӣ зоҳир мегардад; $C) Ин шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни муқарраркардаи қонун расидае мебошад, кирдори ҷиноиро содир кардааст;

$D) Ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки аз тарафи кодекси ҷиноятӣ ҳифз мегарданд;

$E) Ин муносибати рӯҳии (психикии) шахс дар шакли қасдона ё беэҳтиётӣ нисбат ба кирдори содирнамуда ё оқибатҳои он мебошад, ки муносибати манфии ӯро нисбат ба манфиатҳои шахс ва ҷомеа нишон медиҳад;